**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО**

# НИЗОМНОМАИ ШУЪБАИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

**ДУШАНБЕ 2019**

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ”

Раиси Шӯрои олимони МДТ

ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино

д.и.т., профессор Гулзода М.Қ.________

26 июня с.2019.

# НИЗОМНОМАИ
# ШУЪБАИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТИ
# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ОҶИКИСТОН
# БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

ДУШАНБЕ 2019

## Мундарича

1. Муқаррароти умумӣ........................................................ 3

2. Мақсад ва вазифаҳо.................................................... 3

3. Функсияҳо............................................................... 5

4. Сохтор ва ташкилот....................................................... 5

5.Ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ...................................... 6

6. Уҳдадориҳои вазифавии кормандони шуъбаи сифати таҳсилот ва маҳорати касбӣ................................ 7

7.Масъулиятнокӣ............................................ 13

8.Ҳамбастагӣ бо зерсохторҳои донишгоҳ ................ 14

9.Номгӯ ҳӯҷҷатҳо ва маълумот оид ба шуъбаи сифати таҳсилот ва рушди омузгор................................ 14

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Шуъбаи сифати таҳсилот  зерсохтори мустақили МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» мебошад.

1.2. Шуъбаи сифати таҳсилот  мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур ва оинномаи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» таъсис ва барҳам дода мешавад.

1.3. Шуъбаи сифати таҳсилот  бевосита тобеи муовини ректор оид ба таълими МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» мебошад.

1.4.Дар фаъолияти худ шуъбаи сифати таҳсилот  қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба маориф ва мактабҳои олӣ, қарор ва фармоишҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, оинномаи МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино», Низомномаи мазкур оид ба шуъбаи сифати таҳсилот, фармоишҳои ректори МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» - ро ба роҳбарӣ мегирад.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО

2.1. Таҳия ва татбиқи сиёсати донишгоҳ дар самти идоракунии сифати таълим.

2.2. Ҳамоҳангсозии фаъолияти шуъбаҳо ва кафедраҳои донишгоҳ оид ба масъалаҳои пешниҳод намудани хизматрасонии босифати таълим мутобиқ ба талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи маориф.

2.3. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, таъминоти компютерӣ, таҷдиди захираи аудиторӣ бо мақсади таъмин намудани хизматрасонии босифати таҳсилот.

## 3.ФУНКСИЯҲО

3.1. Таҳия намудани санадҳои меъёрии локалии мутобиқ ба талаботи қонунгузории ҶТ дар соҳаи маориф ва танзимкунандаи фаъолияти донишгоҳ дар бахши хизматрасонии таълимӣ.

3.2. Иштирок намудан дар таҳияи барномаҳои таълимии касбии асосии таҳсилоти олӣ, барномаҳои таълимии касбии иловагии дар донишгоҳ татбиқшаванда.

3.3. Баргузор намудани ташхиси пешакии барномаҳои таълимии касбии асосии таҳсилоти олӣ, барномаҳои таълимии касбии иловагии дар донишгоҳ татбиқшаванда зимни омодагӣ ба аккредитатсияи давлатӣ ва санҷиши мақомотҳои ваколатдор.

3.4. Ташкил ва ба амал баровардани назорати раванди таълим вобаста ба риояи талабот оиди хизматрасонии таълимӣ мутобиқи стандартҳои таълимии давлатии таҳсилоти олӣ.

3.5. Ба амал баровардани низоми чорабиниҳо оиди аудити дохилӣ, мониторинги сифат ва таъмин намудани имконияти истифодаи тахассусии натиҷаи онҳо ҷиҳати қабул кардани қарорҳои идорӣ роҷеъ ба такмили сифати таълим.

3.6. Баргузории амалиёти назоратӣ ва мониторингӣ оид ба сифати раванди корӣ ва натиҷаҳои онҳо, ташкил намудани таҳқиқоти иҷтимоию равонӣ, пурсишҳои ташхисӣ оид ба масоили пешниҳоду баҳодиҳии сифати хизматрасонии таълимӣ дар донишгоҳ.

3.7. Ташаккули маводҳои иттилоотию таҳлилӣ оид ба масоили сифати таҳсилот, гузаронидани чорабиниҳо роҷеъ ба паҳнсозии онҳо.

3.8. Таҳия намудани чорабиниҳои огоҳкунанда ва ислоҳӣ дар бахши таъмини сифати раванди таҳсилот.

3.9. Омода намудани тавсияҳо оид ба бартараф сохтани номутобиқӣ дар бахши низоми идоракунии сифати таҳсилот, такмили ихтисос ва маҳорати кормандони донишгоҳ, беҳтар намудани заминаи моддӣ, беҳтар намудани идоракунии донишгоҳ ва ҳамзамон сифати таҳсилот.

3.10. Ташкил ва гузаронидани конфронсҳои методӣ, семинарҳо, мизҳои мудаввар, тренингҳо, машваратҳо бо мақсади такмили касбияти омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ оид ба масоили пешниҳоди хизматрасонии босифати таҳсилот. Омода намудани маводҳо қабл аз гузаронидани пурсиши анкетавӣ (анкетаи робитаи мутақобила, анкетаи санҷиши сифати таълим, маҳаки баҳогузории машғулиятҳои таълимӣ,

анкета доир ба баҳодиҳии фаъолияти омӯзгор, анкета оид ба баҳодиҳии абадияти дониш ва ғ.).

3.11. Амалисозии фаъолият оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, таъминоти компютерӣ, таҷдиди захираи аудиторӣ бо мақсади таъмин намудани хизматрасонии босифати таҳсилот.

3.12. Амалисозии фаъолият вобаста ба ҷойгирсозӣ ва таҷдиди иттилоот оиди фаъолияти таълимии донишгоҳ бо назардошти талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи маориф дар манбаъҳои дастрас (аз ҷумла дар сомонаи донишгоҳ).

## 4.СОХТОР ВА ТАШКИЛИ ОН

4.1.Сохтор, шумора ва ҳайати штатии шуъбаро Ректори Донишгоҳ дар доираи фондҳои муқаррааргардидаи музди маош аз ҳисоби маблағгузории буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ тасдиқ менамояд;

4.2.Роҳбари шуъба сардори он маҳсуб меёбад. Сардор бо фармоиши Ректор, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ ба вазифа таъйин ва озод карда мешавад;

4.3.Кормандони шуъба ба вазифаҳояшон бо фармоиши Ректор таъйин ва озод карда мешаванд;

4.3.Кормандони шуъбаи сифати таҳсилот бо фармони ректори Донишгоҳ ба вазифа таъйин ва озод карда мешаванд.

4.4.Кормандони шуъба функсияҳои худро мутобиқи дастури вазифавияшон иҷро менамоянд.

## 5.ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲО

Шуъба дорои чунин ҳуқуқхост:

5.1.Дархост ва ққабули ҳӯҷҷатҳои лозима, мавод, иттилоот оиди масоили марбутаи шуъба аз зерсохторҳои Донишгоҳ;

5.2. Таҳия ва тасими асноди лозимии касбии шуъба ва маводи иттилоотӣ дар Донишгоҳ, ташкилу гузаронидани чорабиниҳои равшаннамоӣ ва таъйиноти мухобиравию таълимӣ;

5.3.Гузаронидани назарпурсӣ бо ҷамбастагии дигар зерсохторҳои Донишгоҳ (хусусан, электронӣ) оиди масоили марбутаи ба салоҳияти шуъба вогузоршуда;

5.4.Ташкилу гузаронидани чорабиниҳои нақшавию ғғайранашавии марбутаи салоҳияти шуъба дар зерсохторҳои Донишгоҳ;

5.5.Дар доираи салоҳияти худ додани хулоса, тавсия ва ҷобаҷогузории натиҷаҳои чорабиниҳои анҷомдода;

5.6.Назорати иҷрои ҳолати ташреҳӣ ва огоҳонидашуда дар муҳлати муқарраргардида.

**Уҳдадориҳои шуъба:**

5.6.1.Мониторинг, пешниҳоди маълумот оиди сифати таҳсилот, ки аз зерсохторҳои Донишгоӣ ба даст оварда шудааст, коркарди маълумотҳо оиди сифати таҳсилот ва таҳлили ҳолати сифат барои гузориш ба ректор;

5.6.2. Ҷамъоварӣ, таҳлил ва таҳияи мавод оиди сифати фаъолияти ҳайати омӯзгорони Донишгоҳ;

5.6.3.Таҳлили самаранокии чорабиниҳо, ки дар зерсохторҳо қабул гардидаанд.

## 6.УҲДАДОРИҲОИ ВАЗИФАВИИ КОРМАНДОНИ ШУЪБАИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

### Сардори шуъбаи сифати таҳсилот

### 1.Ҳуқуқҳои сардори шуъбаи сифати таҳсилот

### 2. Сардори шуъбаи сифати таҳсилот ҳуқуқ дорад:

2.1.Талаб ва қабули маълумоти дақиқ аз дигар зерсохторҳои Донишгоҳ барои пешбурди фаъолияти шуъба;

2.2. Ба дигар зерсохторҳои Донишгоҳ барои тавзеҳу тавсия оид ба масъалаҳову салоҳиятҳои шӯъба супориш медиҳад;

2.3. Ҳисоботро оид ба иҷрои амру супоришҳои шӯъба талаб менамояд.

2.4. Санадҳоро ба иҷрокунандагон барои коркард дар ҳолати ба талабот ҷавобгӯ набудан ва иттилооти лозима бармегардонад;

2.5. Ҷараёни анкетагири ва тестгириро назорат менамояд;

2.6. Иҷрои саривақтии чорабиниҳо оиди тайёрии Донишгоҳу факултетҳо ба аккредитатсияро назорат менамояд;

2.7. Ба роҳбарияти Донишгоҳ ва факултетҳо оиди нуқсонҳое, ки санадҳои меъёрӣ нисбати масъалаҳои сифати таҳсилот муқаррар намудаанд иттилоъ медиҳад.

2.8. Кормандони дигар зерсохторҳоро оид ба мутобиқнамоии фаъолияти шӯъба бо мувофиқаи сардорони зерсохторҳо ҷалб менамояд.

2.9. Бо роҳбарияти донишгоҳ оид ба салоҳияти шӯъба дар иртибот мебошад;

2.10. Таъминоти захиравиро оиди сифатнок ва натиҷанок будани иҷроиши уҳдадориҳои вазифавӣ дарёб мекунад;

2.11. Ба роҳбарияти донишгоҳ оиди ворид намудани тағйирот ба ҷадвали штатӣ пешниҳод менамояд: ба қабулу сабукдӯш ва ҷойивазкунии кормандони шӯъба, ҳавасмандгардониву муҷозоти онҳо ҷавобгар аст;

2.12. Дар ҷаласаҳои шӯрои факултетҳо, кафедраҳо ва комисияҳои методӣ ширкат мекунад;

2.13. Кормандони шӯъбаро ба такмили ихтисос равон менамояд.

2.14. Дар ҷаласаҳо, конференсияҳо, семинарҳое, ки оиди мубодилаи таҷриба баргузор мешаванд ширкат мекунанд;

2.15.Дар ҷаласаҳои кушоди мақомоти идоракунии донишгоҳ, факултетҳо, ҷаласаҳои кафедра ширкат намуда ба ҳамаи намуди дарсҳо (бо огоҳ намудани мудирони кафедраҳо) медарояд;

## 3. Уҳдадориҳои сардори шӯъбаи сифати

3.1.Роҳбарӣ, идоракунӣ ва қабули қарор оиди салоҳияти шӯъбаро роҳандозӣ менамояд;

3.2. Иҷрои вазифаву функсияҳои ба уҳда доштаро таъмин менамояд.

3.3. Равияи фаъолияти шӯъбаро муайян менамояд;

3.4.Кори шӯъбаро оиди иҷрои накшаҳо тибқи муқарраროти нақшаи рушди донишгоҳ ташкил ва назорат менамояд;

3.5.Барои фаъолияти кормандони шӯъба тибқи муқарраროти қонунгузорӣ, меъёрҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, инчунин шартномаҳои коллективӣ шароит фароҳам меорад;

3.6.Нақшаи кории худро бо дигар зерсохторҳо дар муҳлати муқарраршуда мувофиқа мекунанд, ҳисоботи шӯъба, нақшаи чорабиниҳои дурнаморо пешниҳод менамояд ва муроҷиатҳои ба шӯъба марбутаро ҷавоб мегӯяд;

3.7.Афзалиятнокӣ дар иҷрои вазифаҳои шӯъбаро муайян менамояд, вақти кориро ба нақша мегирад, усулҳои самараноки корро дар ҳама ҳолатҳо ба инобат мегирад;

**4. Масъулиятнокӣ**

Сардори шӯъбаи сифати таҳсилот масъулияти гузаронидани чорабиниҳоро амиқ ва саривақт барои тайёр намудани системаи сертификаткунонии сифати таҳсилоти донишгоҳ ва пешниҳоди тавсияҳо оиди дастгирии ҷараёни асосӣ ва иловагии сифат ба уҳда дорад: иҷрои амиқу саривақтии қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин қарорҳои шӯрои олимони донишгоҳ, фармоишу амрҳои ректори донишгоҳ оиди сифати таҳсилот.

Масъулият ба сифат ва саривақт иҷро намудани дастурҳои Низомномаи мазкур ба вазифаву функсияҳо, иҷрои нақшаи корӣ оиди раванди ҳамаи фаъолият, инчунин фароҳамории шароит баҳри натиҷанокии кори зертобеъон ба уҳдаи сардори шӯъбаи сифати таҳсилот ва маҳорати касбӣ мебошад.

**Мутахассиси шӯъбаи сифати таҳсилот**

**1. Уҳдадориҳои вазифавӣ:**

1.1. Ҳуҷҷатгузорӣ, интиқоли фаъолияти иттиолотии шӯъбаро роҳандозӣ менамоянд;

1.2.Мониторинги сифатро ташкил менамояд;

1.3. Супоришҳои хидматии сардори шӯъбаро иҷро менамояд;

1.4.Оинномаи Донишгоҳ, тартиби низоми дохилии донишгоҳ, интизоми кориро риоя менамояд ва оид ба иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ поквиҷдонона амал менамояд;

1.5. Иҷрои сиёсати пешгирифта ва мақсадҳои донишгоҳро дар соҳаи сифат дар доираи фаъолияти худ таъмин менамояд;

1.6.Талаботи системаи менеджменти сифати донишгоҳро, ки ба фаъолияти зерсохторҳо марбут мебошад риоя менамояд;

1.7. Масъалаҳоро оиди сифат дар доираи уҳдадориҳои вазифаии худ ба қайд мегирад;

1.8.Барномаҳои таълимии тахассусии фанҳо ва мутобиқати онҳо ба стандартҳои таҳсилот ва истифодаи умумро қиёс менамояд.

1.9. Дар нақшаи чопи адабиёти таълимӣ ва методӣ дар асоси муқоиса ба таъмини донишҷуён тавсияҳоро тайёр менамояд;

2. Ҳуқуқҳои мутахасиси шӯъбаи сифати таҳсилот ва маҳорати касбӣ

2.1. Итилоотро оиди зерсохторҳои донишгоҳ дар бораи самаранокии фаъолияти шӯъба пурсон мешавад;

2.2.Аз хизмати китобхона, фондҳои итилоотии таълимӣ ва илмии зерсохторҳо инчунин аз хизматҳои иҷтимоию моддӣ, тиббӣ ва дигар зерсохторҳои донишгоҳ истифода менамояд;

2.3.Аз сардори шӯъба барои таъмини фаъолияти ташкилию моддию техники худ инчунин ҳамбастагӣ дар иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ ва ҳуқуқҳояш талаб менамояд;

2.4. Дар ҷаласаҳои умумии коллективи меҳнатӣ иштирок менамоянд ва пешниҳодҳои худро ироъа мекунад;

2.5.Бо лоиҳаи қарорҳои маъмурияти донишгоҳ, ки ба фаъолияти мутахассис марбут мебошад шинос мешавад;

2.6. Дараҷаи тахассуси худро баланд мебардорад;

**3. Масъулиятноки:**

3.1.Мутахассиси шӯъба масъулияти дар доираи қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ, маъмурӣ, ҷиноӣ ва граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқи асноди меъёрии дохилӣ ба уҳда дорад:

- иҷрои номатлуб ва ё иҷро накардани уҳдадории вазифаи худ, ки дар дастури мазкур зикр шудааст;
- ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти худ рух додааст;
- зарбаи зарари моддӣ;

3.2.Мутахассиси шуъбаи сифати таҳсилот ва маҳорати касбӣ барои саривақт иҷро накардани вазифаи худ ва саҳлангориаш нисбати иҷрои супоришҳо ба пешниҳоди муовини ректор оид ба таълим мумкин аст бо фармоиши ректор аз вазифа озод карда шавад.

**Нозир Шуъбаи сифати таҳсилот**

**1.Нозири ШСТ бояд донад:**

Қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, маводи методӣ доир ба ҳуҷатнигорӣ, тартиби нигоштани асосҳои ҳуҷҷатгузорӣ, низом ва меъёрҳои ҳифзи меҳнат.

**2. Вазифа ва уҳдадориҳои асосӣ:**

2.1.Амалӣ намудани ҳуҷҷатнигорӣ дар шӯъба;

2.2.Иштирок дар ташкили нишондоди сифат ва омилҳои он, таъмини сифат;

2.3.Иштирок дар ташкилу пурсиши донишҷӯён, хатмкунандагон, коллективи МОТ, кордиҳандагон доир ба идоракунии шаффофи МОТ, қаноатмандии кормандон (омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён), таълим дар МОТ;

2.4. Иштирок дар қиёс намудани мониторинг ва ангетагузаронии мазкур;

2.5. Тайёр намудан ва ширкат дар тартиби худмуоинакунӣ ва тафтиши маҷмуавии фаъолияти МОТ;

2.6. Ҷамъ намудану қиёс кардани хадамоти сифат;

2.7.Ширкат дар коркарди чорабиниҳои огоҳонидашуда ва профилактикӣ;

2.8.Супоришҳои хидматии сардори Шуъбаи сифати таҳсилот ва маҳорати касбиро иҷро менамояд.

**2. Ҳуқукҳо:**

2.1.Пурсиш ва қабули иттилоот аз зерсохторҳои Донишгоҳ барои самаранокии кори ШСТ;

2.2. Истифода аз хидмати китобхона, хазинаи иттилоотии зерсохторҳои таълимӣ ва илмӣ, инчунин хидмати моддӣ-иҷтимоӣ, табобатӣ ва дигар зерсохторҳои Донишгоҳ;

2.3. Аз сардори ШСТ барои истифодаи кор таъмини маводи модию техникӣ, инчунин ёриву ҳамкорӣ доир иҷрои вазифаҳову уҳдадориҳои хидмати ва ҳуқукҳоро талаб менамояд;

2.4. Ширкат дар маҷлиси умумии коллективи меҳнатӣ ва ироаи таклифу пешниҳодҳо;

2.5. Шиносоӣ бо лоиҳаҳои қарори маъмурияти Донишгоҳ доир ба фаъолияти нозир;

2.6. Такмили тахассуси худ;

**3. Масъулиятнокӣ:**

3.1.Нозири ШСТ масъулияташро дар доираи қонунгузории амалкунандаи меҳнатӣ, маъмурӣ, ҷиноӣ ва граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқи санадҳои меъёрии дохилӣ ба роҳ мемонад:

- иҷрои номатлуб ва ё иҷро накардани уҳдадории вазифаи худ, ки дар дастури мазкур зикр шудааст;
- ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти худ рух додааст;
- зарбаи зарари моддӣ;

3.2. Нозири шуъбаи сифати таҳсилот ва маҳорати касбӣ барои саривақт иҷро накардани вазифаи худ ва саҳлангориаш нисбати иҷрои супоришҳо ба пешниҳоди муовини ректор оид ба таълим мумкин аст бо фармоиши ректор аз вазифа озод карда шавад.

## 7.МАСЪУЛИЯТНОКӢ

7.1.Ба шуъба чунин масъулиятҳо вогузор шудааст:

-иҷрои кор дар шуъба мутобиқи нақшаҳои муқарраргардида ва муҳлатҳои муайян ва баҳри сифатнокию иҷроиши саривақтии он;

-ҷалби муттахассисону кормандони Донишгоҳ тибқи муқаррарот барои гузаронидани тадқиқот оиди муҳтавои шуъба;

- манзури пешниҳод ба роҳбарияти Донишгоҳ оиди бартараф намудани нуқсонҳо дар раванди кору камбудиҳое, ки ҳангоми иҷрои барномаи сифати таълим рух додаанд;

- ҳақиқӣ будани маводи пешниҳодмешуда;

- баҳои объективонаи паҳлуҳои матраҳмешуда;

7.2 Масъулияти барои сифатнокӣ ва иҷрои вазифаҳои шуъбаро, ки Низомномаи мазкур танзим менамояд, сардори шуъба ба уҳда дорад. Сатҳи масъулиятнокии дигар кормандонро дастурҳои вазифавӣ муқаррар менамоянд.

7.3.Ҳифзи меҳнат, бехатарии сухтор.

7.3.1Масъулияти ҳифзи меҳнат ва бехатарии сухтор дар шуъба ба уҳдаи сардори он мебошад. Масъулиятнокӣ барои коркард ва таҳияи саривақтии дастур доири ҲМ, тозагӣ ва интизом бо идоракунии сардори шуъба ва кормандони штатӣ амалӣ мегардад.

## 8. ҲАМБАСТАГӢ БО ЗЕРСОХТОРҲОИ ДОНИШГОҲ

Роҷеъ ба масоили ташкил, ҷорисозӣ ва инкишофи низоми сифати таҳсилот дар Донишгоҳ бахши сифати таълим ва рушди омӯзгор ҳамкорӣ ва танзим мекунад муносибати худро:- бо шуъбаи таълим, маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент, шуъбаи илм, кафедраҳо ва дигар зерсохторҳои донишгоҳ дар асоси санадҳои ташкилию ҳуқуқии дохилӣ;

## 9. НОМГӮЙИ ҲУҶҶАТҲО ВА МАЪЛУМОТ ОИД БА ШУЪБАИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ВА РУШДИ ОМӮЗГОР

9.1. Феҳристи парвандаҳо ва нусхаи ҳуҷҷатҳои кафедраҳои МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» дар панҷ соли охир.

9.2. Низомномаи бахши сифати таълим ва рушди омӯзгор.

9.3. Дастури вазифавии кормандони бахши сифати таълим ва рушди омӯзгор.

9.4. Нақшаи кории бахши сифати таълим ва рушди омӯзгор дар соли хониш.

9.5. Барномаҳои таълимии касбии асосии таҳсилоти олии дар донишгоҳ татбиқшаванда.

9.6. Барномаҳои таълимии иловагии дар донишгоҳ татбиқшаванда.

9.7. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маориф ва илм, Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф вобаста ба ташкили фаъолияти таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ.

9.8. Санадҳои меъёрии локалии донишгоҳ оид ба ташкили фаъолияти таълимӣ.

9.9.Маводҳои таҳлилӣ оид ба натиҷаи мониторинг, таҳқиқот, пурсишҳои ташхисӣ доир ба масоили сифати хизматрасонии таълимӣ дар донишгоҳ.

9.10. Ҳуҷҷатҳои методӣ ва дигар санадҳое, ки ҷиҳати ташкил намудани раванди таълим дар донишгоҳ таҳия гардидаанд.

**ВАРАҚАИ МУВОФИҚАНАМОӢ**

**Таҳиягарон: Кормандони шуъбаи сифати таҳсилот**

**Мувофиқа карда шуд:**

| Вазифа | Имзо | Ному насаб |
|---|---|---|
| Муовини ректор оид ба таълим,<br>д.и.т., профессор<br>«____»________________ с.201__ | | Ибодов С.Т. |
| Сардори Шуъбаи таълим,<br>д.и.т., профессор<br>«____»________________ с.201__ | | Хоҷаева Н.М. |
| Дир.маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент, н.и.т.<br>«____»________________ с.201__ | | Маҳмудов Х.Р. |
| Сардори офиси бақайдгирӣ<br>«____»________________ с.201__ | | Гулбекова З.А. |
| Дир. Маркази ягонаи тестӣ,<br>н.и.т.<br>«____»________________ с.201__ | | Иброҳимов Ю.Ҳ. |
| Раиси иттфоқи касабаи донишҷӯён,<br>«____»________________ с.201__ | | Саидов И. |
| Декани Факултети тиббӣ,<br>д.и.т.<br>«____»________________ с.201__ | | Муҳаббатов Ҷ.Қ. |
| Декани факултети педиатрӣ,<br>д.и.т., профессор<br>«____»________________ с.201__ | | Табаров М.С. |
| Декани факултети стоматологӣ, н.и.к.<br>«____»________________ с.201__ | | Қаландарзода Ё.Х. |
| Декани факултети фарматсевтӣ,<br>н.и.т., дотсент<br>«____»________________ с.201__ | | Юлдашева У.П. |
| Декани факултети нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ, н.и.т.<br>«____»________________ с.201__ | | Саидзода Б.И. |
| Ҳуқуқшинос<br>«____»________________ с.201__ | | Саидов Ҷ.З. |